Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 114 (4697) | ДУШАНБЕ, 18 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## ҶАЛАСАИ ШӮРОИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ МУАССИСИ ФОНДИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ НАҶОТИ АРАЛ



**15 - уми сентябри соли 2023 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои муассиси Фонди байналмилалии наҷоти Арал баргузор гардид.**

Дар Ҷаласаи Шӯро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев, Президенти Туркманистон муҳтарам Сердар Бердимухамедов, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев, муовини аввали Раиси Девони Вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон муҳтарам Адилбек Касималиев ва ҳамчунин Намояндаи махсуси Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид - роҳбари Маркази минтақавии Созмони Милали Муттаҳид оид ба дипломатияи пешгирикунанда муҳтарам Каха Имнадзе иштирок карданд.

Баъди маросими аксбардорӣ Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои муассиси Фонди байналмилалии наҷоти Арал бо иштироки ҳайатҳои ҳукуматҳо ва коршиносони байналмилалӣ идома ёфт.

Дар ҷараёни мулоқот як силсила масъалаҳои мубрами фаъолияти Фонди байналмилалии наҷоти Арал, аз ҷумла натиҷаҳои раисии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ниҳод, такмили сохтори ташкилӣ ва заминаи созишномавӣ ва ҳуқуқии фонд мавриди баррасӣ қарор гирифта, самтҳои ояндадори фаъолияти муштарак зимни андешидани тадбир дар ин бахшҳо муайяну мушаххас карда шуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарон ва намояндагони давлатҳои муассиси Фонди байналмилалии наҷоти Арал ва меҳмонони чорабиниро гарму самимӣ хайра мақдам гуфтанд ва оид ба натиҷаҳои раёсати Тоҷикистон андешаронӣ карданд.

Таъкид гардид, ки Фонди байналмилалии наҷоти Арал дар таҳкими ҳамкорӣ ва ҳамёрии кишварҳои минтақа дар ҳалли масъалаҳои печидаи обу экология нақши муҳим дорад. Дар чаҳорчӯбаи ин ниҳод натиҷаҳои назаррасе ба даст омадаанд, ки ба рушди иқтисодию иҷтимоии Осиёи Марказӣ, таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ, ҳамчунин, барои ба роҳ мондан ва густариш додани муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар ин самт мусоидат намудаанд.

Сарон ва намояндагони давлатҳои муассиси Фонди байналмилалии наҷоти Арал зимни суханронии худ ба раисии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои мусбат дода, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои сатҳи баланди ташкилӣ, пазироии самимӣ ва меҳмоннавозӣ изҳори сипос карданд.

Намояндаи махсуси Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид - роҳбари Маркази минтақавии созмон оид ба дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ паёми Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳидро ба самъи иштирокчиён расонд.

Аз рӯи натиҷаи ҷаласа қарорҳои Шӯрои сарони давлатҳои муассиси Фонди байналмилалии наҷоти Арал, ҳамчунин, Эъломияи Душанбе ба имзо расиданд.

Дар фарҷоми Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои муассиси Фонди байналмилалии наҷоти Арал Раиси Кумитаи иҷроияи фонд оид ба натиҷаҳои кори ҷаласа барои доираи васеи хабарнигорони дохилӣ ва хориҷӣ нишасти матбуотӣ ороcт.

**www.prezident.tj**

## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ШАҲРИ НЮ - ЙОРКИ ИМА

**18 – уми сентябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар Иҷлосияи 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ва Вохӯрии сарони давлатҳои «Осиёи Марказӣ - ИМА» ба шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ мекунанд.

**www.prezident.tj**

## САФАРИ ҲАЙАТИ ПАРЛУМОНИИ ТОҶИКИСТОН БА ШАҲРИ СЕУЛИ ҶУМҲУРИИ КОРЕЯ



**18-уми сентябри соли 2023 ҳайати парлумонии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Раиси Маҷлиси намояндагон Маҳмадтоир Зокирзода бо даъвати Раиси Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Корея Ким Ҷин Пё ба шаҳри Сеул рафтанд.**

Мақсад аз сафари ҳайати парлумонии Маҷлиси намояндагон иштирок дар Конфронси якуми раисони парламентҳои кишварҳои «Осиёи Марказӣ - Ҷумҳурии Корея» мебошад.

## МУЛОҚОТИ САИДМУРОД ФАТТОҲЗОДА БО БЕГМУРАТ МУҲАММЕДОВ

**14 - уми сентябри соли 2023 раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода бо раиси Кумита оид ба робитаҳои байналмилалӣ ва байнипарлумонии Маҷлиси Туркманистон Бегмурат Муҳаммедов, ки барои иштирок дар чорабиниҳои канории бахшида ба Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ба Тоҷикистон омадааст, мулоқот намуд.**

Дар мулоқот таъкид шуд, ки пояи сиёсии муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистон, ҳамчун ду кишвари соҳибистиқлол 27 - уми январи соли 1993 бо имзои Протокол «Оид ба барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистон» гузошта шудааст.

Рӯйдоди муҳим дар таърихи муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Туркманистон сафарҳои расмии мутақобилаи сарони давлатҳо ба шумор меравад.

Дар доираи вохӯриҳои мунтазами сарони ҳар ду кишвар масъалаҳои мубрами муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистону Туркманистон баррасӣ гардида, инчунин, самтҳои афзалиятнок ва дурнамои тақвияти минбаъдаи онҳо муайян гардидаанд.

Байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва парлумони Туркманистон гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ фаъол ҳастанд ва ҳадаф аз таъсиси ин гурӯҳҳо низ фароҳам овардани шароити муносиб барои рушди равобити байнипарлумонии кишварҳо мебошад.

Дар маҷмӯъ, вазъи кунунии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистон тамоюли мунтазами рушдкунанда дорад. Дар онҳо ҷараёни амалисозии кӯшишҳои дуҷонибаи



кишварҳо баҳри ҳамкории бисёрҷанба дар асоси иқтидорҳо ва талаботҳои ҳар ду кишвар ба мушоҳида мерасад.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## МУҶДАИ ОҒОЗИ ДАВРОНИ ЭҲЁИ МИЛЛАТИ ТОҶИК АЗ ҚАСРИ АРБОБ

### Чунин иқболи баланд барои як халқ дар тӯли садсолаҳо як бор фароҳам меояд

**Дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 24-уми январи соли 2023 баргузор гардид, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид карданд: «Ҳар яки мо бояд ватандӯсту ватанпараст бошем ва ҳаргиз фаромӯш насозем, ки эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва ҳисси баланди миллӣ омили асоситарин ва роҳи муҳимтарини рушди давлат ва ҷомеа мебошад». Вазифагузории Пешвои миллат, бо назардошти авзои ҷаҳони муосир, ҳикмати зиёд дорад ва масъулин бояд бо диди нав баҳри иҷрои онҳо ҷаҳду талош намоянд.**

Таҳлилу арзёбии нақши давлат дар доираи таҳаввулоти таърихӣ ва муосир дар масъалаи ҷаҳонбинӣ, бо назардошти категорияи манфиат аз ҷониби профессор С. Ятимов дар мақолаи «Эҳёи миллат - бақои давлат» ба ин масъала рабт дорад. Ҷоиз ба зикр аст, ки иқдоми мазкур идомаи мантиқии ибтикори қаблии сиёсатшинос С. Ятимов ба ҳисоб меравад. Номбурда самтҳои гуногуни таҳким ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ, аз он ҷумла хирадсолорӣ, илм ва амният, идеология ва манфиатҳои миллӣ, маориф, фарҳанг ва нақши онҳоро дар ҳифзу таҳкими манфиатҳои миллӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Муҳим он аст, ки дар ин раванд ӯ ба мавқеъ ва нақши сарвари сиёсӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст.

Дар оғози матлаб муаллиф барҳақ нигоштааст: «Ба таъсиси давлат вақте зарурат пайдо мешавад, ки ниёзҳои ҷомеа барои низоми муайяни идоракунӣ ба хотири таъмини амният, рушди пойдори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба тарзи муташаккил ва моҳиятан аломатҳои устувори қонунмандӣ мегиранд. Вазифаи асосии давлат таъмин намудани зиндагии осоиштаи ҷомеа дар асоси дифферентсиатсия, тақсимоти салоҳият, таъини меъёрҳои ҳуқуқ ва вазифаҳо мебошад. Истилоҳоти давлат ва истиқлол ҳамчун зуҳуроти сиёсӣ тавъам ва аз ҳам ҷудонопазир мебошанд».

Воқеан ҳам, вазифаи муҳимтарин ва асосии ҳар як давлатдор ҳифзи истиқлолияти давлатист. Ин рисолати таърихиро аз рӯзҳои аввали давлатсозиву давлатдорӣ, замоне ки аксарият арзишҳои миллию давлатиро фурӯхтанд, баояндаи неки кишвар бовар надоштанд, аз умури давлатдорӣ худро канор гирифтанд, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самимона, ҷасурона ва фарзандвор ба зимма гирифтанд.

Агар ба тадбирандешиҳо барои таҳкими истиқлолияти давлатӣ мутаваҷҷеҳ гардем, пас аз ду усули маъмулу эътирофшуда - ҳарбӣ ва маънавӣ огоҳ мегардем. Усули ҳарбии ҳифзу таҳкими истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ташкили қӯшун, мақомоти амниятӣ, ҳифзи ҳуқуқ, дигар аркони давлатдорӣ ва муттасил ташаккул додани фаъолияти онҳо рабт дорад.

Шоҳид будем, ки дар заминаи муносибати дуюмдараҷа зоҳир намудани роҳбарони вақти кишвар имкон фароҳам шуд, ки силоҳу муҳимоти ҳарбии дар кишвар мавҷудбуда берун бурда шавад. Дар он марҳилаи ҳассос, ҳамон тавре ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуданд: «Мо на Вазорати мудофиа доштем, на иншооти инфрасохторӣ, на заминаи зарурии моддиву техникӣ ва на мутахассису кадрҳои касбӣ».

Усули дуюми таҳкими истиқлолияти давлатӣ - маънавӣ, ки дар давлатсозию давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон авлавият дорад, аз бедор кардани эҳсоси ватандорӣ дар вуҷуди ҳар тоҷику тоҷикистонӣ маншаъ мегирад. Ҷавҳари ин иқдомро беш аз пеш ошно намудани мардум бо фарҳанг, таърих, забон, дину мазҳаб ва анъанаҳои миллӣ ташкил медиҳад.

#### ФОСИЛАГИРӢ АЗ АРЗИШҲО БОИСИ ҚАРОБАТ БО ХУРОФОТ МЕГАРДАД

Бо муаллиф дар мавриди он ки «фосила гирифтан аз арзишҳои миллӣ, саҷда овардан ба хурофот ва фарҳанги бегона ҳамчун натиҷа раванди босуръати рӯз то рӯз ифротишавии ҷомеа, ҷилвагар шудани номи намояндагони миллат дар ҳар кунҷу канори дунё дар алоқамандӣ бо кирдорҳои террористӣ ва экстремистӣ обрӯ ва манзалати миллатро дар назди оламиён шадидан коста мегардонад», комилан ҳамфикрам.

Содир гардидани амалҳои террористӣ аз ҷониби ҳамватанонамон дар шаш кишвар, аз ҷумла Франсия, Федератсияи Россия, Белгия, Туркия ва бонги изтироб задани созмонҳои мазҳакаофару гурӯҳу ашхоси ҳавасманд бинобар зуҳури терроризми «тоҷикӣ» аз ҳар яки мо андешидани тадбирҳои бетаъхирро тақозо менамояд.

Дар робита ба ҳушдори С. Ятимов, ки болотар иқтибос шуд, пеш аз ҳама, бояд ҷиддӣ андешем, ки кадом омилҳо замина барои зуҳури терроризми «тоҷикӣ» шуданд? Бо истинод ба натиҷаи тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ, ки тибқи он, 90-95 фоизи аъзои ташкилотҳои террористию экстремистӣ таълимгирандагони мактабҳои ғайриқонунии динӣ мебошанд, посухи савол мушаххас аст. Ба ибораи дигар, рӯи кор омадани терроризми «тоҷикӣ» самараи таълими ғайриқонунии динӣ мебошад, ки бо мусоидати доираҳои манфиатдор имконпазир гардид.

Ба ҳеҷ ваҷҳ муқобили таълимоти динӣ гирифтани ҳамватанонамон нестам. Бароямон хушоянд аст, ки раванди демократикунонии ҷомеа ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла озодии виҷдон, боис гашт, то шаҳрвандон озодона ба дин рӯй оварда, барои пайравии амалӣ аз таълимоти динӣ ва анҷоми маросими динӣ имкони васеъ пайдо намоянд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

# МУЖДАИ ОҒОЗИ ДАВРОНИ ЭҲЁИ МИЛЛАТИ ТОҶИК АЗ ҚАСРИ АРБОБ

## Чунин иқболи баланд барои як халқ дар тӯли садсолаҳо як бор фароҳам меояд

(Идома аз саҳ. 1)

Эълони озодии виҷдон ва пайравӣ ба дин, бунёди масҷиду муассисаҳои таълимии динӣ ва ғайра сабаб гардиданд, ки таваҷҷуҳи мардум ба дин тамоюли афзоишро касб намояд.

Дар сатҳи конститутсионӣ таъмин гаштани ҳуқуқу озодиҳои динии шаҳрвандон, эълон шудани Соли бузургдошти пешвои мазҳабии мардуми тоҷик ва аксар мусулмонони ҷаҳон - Имоми Аъзам (р), ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр гаштани «Қуръон»-и карим, таъсиси Донишкадаи исломии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии қориёни «Қуръон», ба тасвиб расидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ҷорӣ шудани фанни таълимии «Таърихи дин» ва ғайра барои гирифтани таълими динӣ заминаи мусоид фароҳам намуд.

Муҳимтар аз ҳама, соли 2019 бо Фармони Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин қабул гардид, ки мақсаду вазифа ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи динро бо назардошти манфиатҳои миллӣ муайян ва танзим менамояд.

Манзури ман таълими ғайриқонунии динӣ мебошад, ки асосан дар манзили зисти рӯҳониёни иртиҷоӣ ба роҳ монда мешавад. Пайомади ногувори ба таълими ғайриқонунии динӣ ҷалб шудани насли наврас бениҳоят зиёд буда, тамоюли хурофотӣ ва ғайриилмӣ гирифтани ҷаҳонбинии насли наврас ва аз дастовардҳои илму техника, омӯзиши фанҳои дақиқ ва умуман, рушду тараққиёт қафо мондани ҷомеа ибтидои ин раванд буд.

Муаллиф барҳақ нигоштааст, ки «эътиқод, тасаввур, хаёлот, орзую ормони ғайриилмӣ, таассуб, хурофот, фанатизм, дилбастагӣ ба мавҳумот ва абстраксия наметавонанд ҷойгоҳи манфиатро иваз кунанд».

Сарчашмаи таблиғкунандаи идеологияи ифротӣ ва қадами нахустин ба ҷониби ячейкаҳои ибтидоии террористӣ маҳсуб шудани таълими зикршуда идомаи мантиқии ин раванд буда, он ҳамзамон таҳрикдиҳандаи сатҳи таассубу хурофот, радикализми динӣ ва моилсозии ҷавонон ба созмонҳои террористию экстремистӣ аст.

Омили дигари тавсеабахши ин раванд майлу рағбат доштани дастандаркорони баъзе саҳифаю гурӯҳҳои фейсбукӣ ва сомонаҳои интернетӣ ба таълими ғайриқонунии динӣ барои зиёд намудани шумораи аъзо ва бо мақсади ба даст овардани маблағи муфт мебошад. Нигаронкунанда он аст, ки бинобар берун аз назорат будани фазои таълими динӣ дар интернет, равияҳои гуногуни барои муҳити динии Тоҷикистон ғайрианъанавӣ таблиғ мешаванд.

Тамоюли коҳишёбиро касб намудани содиршавии чунин ҷиноят дар қиёс ба солҳои пеш натиҷаи тадбирандешии сохторҳои марбута - таҳия, қабул ва ҷонибдории қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар онҳо ҷавобгарӣ барои таълими ғайриқонунии динӣ меҳвар аст, ба ҳисоб меравад.

Мутаассифона, ҳоло низ баъзе шаҳрвандон хавфу пойомади терроризму экстремизмро пурра дарк накарда, ба он аз паси панҷа менигаранд. Маҳз муносибати дуюмдараҷа ба масъалаи мазкур боис гардидааст, ки имконияти фароҳамшуда аз ҷониби нотавонбинони давлат ва миллат суиистифода шуда, дар ин замина таассуб, хурофот ва ифротгароӣ ривоҷ ёбад. Ҳамватанонамон бояд дарк намоянд, ки ҳамкории самарабахши давлат ва ҷомеа дар мубориза бо терроризму экстремизм унсури муҳими таъмини субот ва рушди мамлакат буда, бетафовуту бетараф набудани ҳар кадоми мо зарур ва ногузир аст.

### ДАСТОВАРДИ ОНОНЕ, КИ МЕХОҲАНД МУСУЛМОНРО ЗАВҚМАНДИ РЕХТАНИ ХУНИ ЯКДИГАР БИНАНД

Хулосаи муаллиф - «Дар доираи фаҳми категорияи манфиат ҳар қадар дур рафтан, фосила гирифтан аз арзишҳои иқтисодӣ, моддӣ, молӣ, материалӣ, заминӣ, ҳамон қадар маънои наздик шудан ба камхирадӣ, таассуб, раҳгумзадагӣ, дурӯғ ва фиребро дорад», бозгӯи воқеияти ҷаҳони муосир аст.

Шикастани «қолаб»-ҳои шахшуда кори саҳлу сода набуда, ҳамон тавре С. Ятимов нигоштааст, «ба нохун роҳ дар хоро буридан, фурӯ рафтан ба оташдон нагунсор басе осонтар» аз бозсозӣ ва дигаргун сохтани шуури онҳоест, ки гирифтори ҳамин тарзи ҷаҳонбинии устуравӣ (мифологӣ) ва бедалел ҳастанд».

Дар идома зикр шудааст: «Ҳамин аст дастоварди бузурги воқеӣ ва таърихии ононе, ки мехостанд ва мехоҳанд мардуми мусулмонро якумр ғулом, дастнигар, мутеъ, ҷоҳил, вобаста ва олоти муборизаи худӣ дар муқобили худиҳо, завқманди рехтани хуни якдигар бинанд. Аз дур мусулмононро наззора ва идора кунанд. Боз бо истифодаи маводи зинда бо номи одам дар масири идораи олам барномаҳои дигар омода созанд. Манфиатҳои навбатӣ ва беохири худро думбол кунанд».

Ба андешаи инҷониб, аксар мавридҳо маҳз зудбоварӣ ва побанди хурофот будани қисмате аз мардум омили асосии «ҳадафрас» шудани тасмимоти беруна аст. Яъне, қувваҳое, ки дар хориҷ аз кишвар тасмими роҳандозии амалҳои барояшон мувофиқу зарурӣ ва ҷавобгӯйи манфиатҳояшонро гирифтаанд, ба қавли Аллома Иқбол, бобати он ки «мусалмон фоқамасту ҷандапӯш аст», муътақиданд ва аз ин усул таври густурда истифода намуда истодаанд. Сониян, имрӯзҳо миёни аҳли тақво, уламои дин ва намозгузорон як навъ рақобати носолим, ки аз нотавонбинӣ ва ноогоҳӣ маншаъ гирифтааст, ҷараён дорад. Чунин ҳолат «табъи дил»-и манфиатбардорон буда, ба халқияте, ки пайрави дини мубини ислом мебошанд, ҳамчун василаи самараноки таъсиррасонӣ васеъ истифода шуда истодааст.

Масъулони ташкилоту созмонҳои аз вазъи озодиҳои дар Тоҷикистон нигарон, ки кишвари моро мунтазам «кишвари ноозод» ва озодиҳои динӣ дар онро «маҳдуд» «арзёбӣ» менамоянд, ҷаро намегӯянд, ки бо кадом сабаб ҷомеаи Ғарб ҳанӯз сесад сол пеш зарурати бунёди давлати дунявиро таври бояду шояд дарк намудаву то имрӯз ба он устувор аст? Чаро шарҳ намедиҳанд, ки дар ҳамин ҳол, давлатҳои Аврупо гӯё ба арзишҳои динии давлатҳои ақибмондае, ки қисми аъзами сокинонашонро мусулмонон ташкил медиҳанд, «арҷгузорӣ» намуда, ба ҳеҷ ваҷҳ «роҳ намедиҳанд», ки онҳо дар ҷодаи эъмори давлати воқеан ҳам дунявӣ собитқадам бошанд? Бо кадом сабаб пажӯҳиши дар давоми се соли охир анҷомдодаи нашрияи британии «The Telegraph»-ро ба эътибор намегиранд, ки тибқи он, сатҳи диндории шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ баландтарин – 85 фоиз арзёбӣ шудааст. Магар бо мавҷудияти «маҳдудиятҳои динӣ» чунин нишондиҳанда ҳосил мешавад?

Посухи «қолабӣ»-и онҳо, аз қабили «озодии дин яке аз рукнҳои умда ва принсипи асосии демократияи мо маҳсуб меёбад. Мо ба ин ақидаем, ки ҳифзи озодии дин аз ҷониби Ҳукумат ба бунёди давлати боз ҳам устувортару босубот мусоидат мекунад», аллакай бароям маълум аст.

Тоҷикон таърихи исботшудаи беш аз панҷҳазорсола дошта, ҳанӯз пеш аз зуҳури ислом соҳиби фарҳанги асил ва анъанаҳои қадимаи давлатдорӣ буданд. Бидуни баҳс ҳар фарди мусулмон ба дини мубини ислом чун ба як сарчашмаи асосии маънавӣ ва рӯҳониву ахлоқӣ эҳтиром мегузорад, зеро ислом ба яке аз рукнҳои муҳими ҷаҳонбинӣ, маънавиёт ва ахлоқи ҷомеаи мо табдил ёфтаву ин раванд бардавом аст.

Мушкилӣ дар он зоҳир мегардад, ки баъзеҳо ҷудо будани иттиҳодияҳои диниро аз давлат ҳамчун тазод байни дунявият ва дин маънидод карда, масъаларо ба мардум нодуруст шарҳ медиҳанд ва чунин мешуморанд, ки гӯё давлат динро аз ҳаёти ҷомеа берун мекарда бошад. Дар натиҷа, баъзе шахсони сода ва зудбовар фирефтаи суханони дурӯғини нафарони тафриқаандоз ва ҷоҳталабу беимон мешаванд. Бамаврид аст, ки зикр кунам, ки одатан дар кишварҳои рӯ ба инкишоф ин масъала аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатдор бо мусоидати баъзе ташкилоту давлатҳо ба сиёсат омезиш дода мешавад. Табиист, ки дар ин ҳолат ҳар доираи манфиатдор мехоҳад ба хостаҳояш дастёб шуда, кӯшиш менамоянд дар ин гуна кишварҳо бавуҷудории ихтилофи мазҳабӣ ва сармоягузорию дастгирии дингароёнро пайваста идома диҳанд. Инчунин, то ҳадди имкон аз ҷониби давлатҳои манфиатдор кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки онҳо дар доираи тафаккуроти динию мазҳабӣ боқӣ монанд, зеро, агар донишҳои илмӣ рушд кунанд, тафаккури миллӣ боло мегирад, ки дар пайи он манофеи миллӣ ба вуҷуд меояд, ки ба манфиати доираҳои зикршуда нест.

### ДИН ҚОДИР АСТ БА ПЕШРАФТИ ҶОМЕА ТАКОН БАХШАД, АГАР ...

- «Муваффақияти дуюм ва дастоварди ниҳоят хатарноки душманони мо иборат аз он аст, ки таассуб, хурофот, фанатизми динӣ – мазҳабӣ, эҳсоси Тоҷик будан, Тоҷикият, эҳтиром, муҳаббат ва садоқатро ба мафҳуми Миллат, Ватан ва Ватандорӣ нобуд месозад. Ба сифр мубаддал мегардонад. Ҳамчун лашкари бе пул дасти ифротгароён, террористонро аз ҳисоби фарзандони ҳамин миллат, дар муқобили ҳарими муқаддаси бунёди давлатсозӣ, давлатдории миллӣ, марзу бум ва суботи он боз мекунад», - нигоштааст профессор С. Ятимов.

Ин масъала, ҳарчанд онро баъзеҳо ҷузъӣ мепиндоранд, бениҳоят муҳим аст ва ҳушдор аз ҷониби муаллиф омил ва рамзу ҳикмати зиёд дорад. Баҳри тақвияти андешаи С. Ятимов бамаврид медонам чанд нуктаро зикр намоям. Бо вуҷуди фароҳам будани имкониятҳои зикршуда, эътироф бояд кард, ки дини мо моҳияти миллӣ касб накардаву дар ҳифзи манфиатҳои миллии давлатӣ ба таври бояду шояд саҳмгузор нест.

Баръакси кишвари мо, дар ақсои олам дин баҳри ҳифзи манфиатҳои миллӣ хеле густурда истифода ва дар баъзе ҳолат ҳатто суиистифода ҳам мешавад. Барои мисол, калисои католикӣ ва калисоҳои православӣ бо меҳвар қарор додани манфиатҳои миллӣ баҳри пешгирии низоъҳо, таҳкими сулҳ, риояи ҳуқуқи башар, пуштибонӣ аз ҳуқуқи зан, мубориза ба бемориҳои сангини аср, мубориза бо терроризм, расонидани кумак ба мардуми камбизоат ва ғайра бо сохторҳои дахлдор фаъолияти муштарак доранд.

Мисоли дигар, уммати ислом дар кишварҳои Кавказ бо нидои «Аллоҳу акбар» аз манфиатҳои миллию давлатӣ, ки баъзе маврид шояд бо аҳкоми динӣ то андозае муғойират дошта бошад, ҳимоя мекунанд. Кори дуруст мекунанд, зеро тафовути эътиқодӣ набояд монеа дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ бошад.

Дар ин бобат С. Ятимов бамаврид ёдовар шудааст, ки «Яке аз намояндагони Даврони Эҳё Сервантес таъкид мекард, ки мардуми зери асорати зеҳнии миллатҳои бегона қароргирифта, мисли лойи кулолест дар дасти аҷнабиён, ки ҳар асбобе хоҳанд аз он месозанд ва истифода мекунанд. Миллат бояд ҷаҳонбинӣ, дидгоҳ, маънавиёти ягонаи худро дошта бошад. Онро эҳсоси ягонаи умумияти таърихӣ – ирсият, урфу одат ва мафкураи ягонаи миллӣ муттаҳид намояд, на ташвиқи бепояи фарҳанги аҷнабӣ. Маҳз ба ҳамин хотир Эҳёгарон интихобан бо беҳтарин ходимони дин, роҳибон, диншиносон, донандагони Инҷил, ки аз мардуми соҳибмаърифат буданду ҳиссиёти баланди ватанпарастӣ ва миллатдӯстӣ доштанд, ба ҳам омаданд».

Фаъол будани қариб чор ҳазор масҷид дар кишвар яке аз садҳо далели тақвиятбахши ҷавҳари матлаб ба ҳисоб меравад. Ҷоиз ба зикри алоҳида аст, ки бо назардошти теъдоди аҳолӣ дар кам кишвари исломӣ ин қадар масҷид вуҷуд дорад.

Муаллиф, ҳамчунин ба хулосаи Эҳёгарон дар бобати он ки «муддати садсолаҳо муллоҳои манфиатҷӯ ба Инҷил ва дигар адабиёти тафсири он нуктаҳоеро худсарона илова кардаанд, ки танҳо ба манфиат ва манзалати шахсии табақаи рӯҳонӣ хизмат мекунанд. Бисёре аз чунин иловаҳои сохта ва тафсирҳои бофта ба сарчашмаи хурофоту таассуб ва манбаи даромади ходимони дин мубаддал гаштаанд. Ба эҳсос ва ташаккули бегонапарастӣ, ҷаҳонватанӣ (беватанӣ) боис гардидаанд», бамаврид ишора кардааст. Дар ин робита бамаврид аст ёдовар шавем, ки солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар ҷомеа равияи нав – таври густурда тарғиб намудани арзишҳои динӣ маъмул гардида буд. Кор то ба ҷое расид, ки як олиме, ки дониши мукаммали гуногунҷанба дорад, дар радифи ба ном муллои чаласавод қадру манзалат надошт. Фурӯши густурдаи фитаҳои амри маъруф, гузаронидани тӯй ва маъракаҳо ба тарзи мазҳабӣ, нишон додани афзалияти гирифтани таълими динӣ дар хориҷи кишвар ва ғайраҳо ба «осиёб»-и ашхоси манфиатдор «об рехт». Динро меҳвари муборизаҳои сиёсӣ ва идеологӣ кардану муташанниҷ сохтани суботи ҷомеа амали зиддиконститутсионӣ, зиддимиллӣ ва ҳатто зиддишариатӣ аст, зеро ислом суботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҳар як миллати мусулмонро арзиши олӣ меҳисобад.

Вақте ки қаробати дунявиятро бо арзишҳои миллию давлатӣ, бо назардошти мероси фарҳангии бузургон баҳо доданӣ шавем, ба ҳеҷ ваҷҳ муносибати онҳоро ба фарҳанги умумибашарӣ сарфи назар набояд кард, зеро бе шинохту арҷгузории саҳми ин фарзонафарзандон ҳувияти миллии мо ноқис хоҳад монд.

Мояи нигаронист, ки дар заминаи муносибати дуюмдараҷа ба милликунонии дин дар бисёр кишварҳои исломӣ зуҳуру «фаъолият»-и созмонҳои ифротӣ саҳлу сода гардида, абарқудратҳо таҳрикбахши ин раванд маҳсуб мешаванд. Дар чунин ҳолат рушди фарҳанги миллӣ ва динӣ зарур ва ногузир буда, маҳз ба ин васила, эмин мондан аз ифрот имконпазир аст. Мутаассифона, иддае ҳамватанон то ҳанӯз дарк накардаанд, ки мансубияти исломӣ ба ҳеҷ ваҷҳ маънои инкори мансубияти фарҳангии миллатҳои мусулмонро надорад. Муҳим он аст, ки ҳар миллат ин дини мубинро, бо такя ба ҳувияти фарҳангиаш қабул карда, ин раванд ҳамвора густариш ёфта истодааст.

Пас аз мутолиаи таълифоти ба ин масъала дахлдошта бароям аён гашт, ки тақвият ёфтани раванди ягонаи тамаддунофаринии арабӣ-исломӣ эҳтимоли бархӯрди фарҳангҳо ва тамаддунҳоро пурра аз байн набурд. Таърихнигорон низ собит кардаанд, ки маҳз таассуботи қавмӣ, динии ҳизбӣ ва фирқавӣ бо омехтагии арзишҳои фарҳангӣ ва хусусиятҳои тамаддунӣ низоъҳои нави динӣ-сиёсӣ ва идеологиро ба вуҷуд оварданд.

Дар ҳамон айём равия ва аҳзоби динӣ тамоюли афзоишро касб намуда, ҳар кадом кофир ҳисобидани мухолифони ақидавӣ ва сиёсии худро самти афзалиятнок эътироф намуда, муборизаро алайҳи ҳамдигар амри шаръӣ медонист. Таассуфовар аст, ки бо гузашти ҳазорсолаҳо ин мушкил аз байн нарафта, баръакс, ба мушкили дохилиисломӣ табдил ёфтааст. Дар маҷмӯъ, миллӣ кунонидани дин метавонад ба манфиати миллат ва таҳкими давлатдорӣ хизмат кунад. Агар дар ин самт комёб гардем, ин дини мубин якҷо бо андешаи миллӣ қодир аст, ки ба пешрафти ҷомеа такони ҷиддӣ бахшад.

### ПЕШВОИ МИЛЛАТ - БУНЁДГУЗОРИ ДАВРОНИ ЭҲЁИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

Вобаста ба Даврони Эҳёи миллати тоҷик С. Ятимов барҳақ навиштааст, ки «ҳақиқати эътирофгардида аст, ки дар марҳилаи навин Даврони Эҳёи миллати тоҷик аз аввалин суханони Роҳбари тозаинтихобгаштаи давлати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари Қасри Арбоб оғоз гардид». Муаллиф барои тақвияти андешааш ба суханрониҳои барномавӣ, Паёмҳо, таълифот ва таълимоти бунёдии Президенти мамлакат, ки дар онҳо барои ҳар фарди тоҷик ҳаётан муҳим будани Эҳёи миллат асоснок гардида, принсипҳои асосӣ, сарчашма, роҳ, восита ва усулҳои ба он ноил гаштан фаҳмонда, ин раванд бо азму разми ҷавонмардӣ тавассути бузургтарин чорабиниҳои дар таърихи миллати тоҷик собитқадамона тасдиқ шудааст, такя кардааст.

Ҳар як тоҷику тоҷикистониро суханони муаллиф: «Бо такя ба таълимоти Пешвои муаззами миллат бояд таъкид кард, ки чунин шонс (имконият, иқбол, умед)-и фавқулода ва нотакрор барои як халқ дар тӯли садсолаҳо як бор падид меояд», бояд ба амиқ андеша кардан водор намояд. «Ҳамватанони мо, ки ҳазор сол азияти бедавлатӣ ва ғуломиро кашидаанд, зарурати ҳаётӣ аст ҳама сар ба сар эҳсоси масъулияти миллатдӯстӣ ва ватанпарастӣ намоянд. Аз ҷаҳолати рӯ ба афзоиши оммавӣ худдорӣ кунанд».

Бояд беш аз пеш эътироф ва арҷгузорӣ намоем, ки маҳз бо ташаббуси Пешвои миллат дар заминаи эҷоди барномаҳои миллӣ қудрат ва нуфузи давлати мо ба маъраз гузошта шуд, ки ин тамоюл дар таҳкими истиқлолияти давлатӣ саҳми бориз доранд. Бо дарки масъулият метавон гуфт, ки маҳз бо ибтикори муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи тадбирандешиҳо баҳри таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва тақвияти ҳувияти миллӣ рӯҳияи миллӣ ба вуҷуд омад. Тавре маълум аст, асоси рӯҳияи миллиро ифтихори миллӣ ташкил медиҳад, ки он иборат аз падидаҳои худмуайянкунӣ, худшиносӣ ва эътирофи худ мебошад. Аз ин лиҳоз, қадршиносии хизматҳои Абармарди дунёи сиёсат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рисолати ватандорӣ ва қарзи фарзандии ҳар шаҳрванди баору номуси Ватан буда, бояд шурӯъ аз муҳити хонавода талқин гардад. Барои тақвияти андеша оид ба мақому манзалат ва нақши Пешвои миллат мо ба ҳеҷ ваҷҳ ба нокифоягии далелу рақамҳо мувоҷеҳ намегардем. Ҳазорҳо далели



вобаста ба ҷоннисорӣ, садоқат, самимият ва ҷасорати Роҳбари мамлакат мавҷуд аст, ки дар сурати истифодаи як қисмати он метавон афкори дилхоҳ нафарро ба самти мусбат шакл дод.

Баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ кишвари мо ба гирдоби мухолифату низоъҳои дохилӣ ва оқибат ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор гардид ва ҳастии миллату давлати тоҷикон зери суол қарор гирифт. Хушбахтона, мардуми шарифи Тоҷикистон бо роҳбарии фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳу салоҳро дар кишварамон таъмин карда, бетаъхир ба барқарорсозии харобаҳои ҷанг оғоз намуданд. Бинобар ин, қатъи хунрезӣ, расидан ба сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ нахустин ва арзишмандтарин дастоварди даврони соҳибистиқлолӣ маҳсуб шуда, дурнамои истиқлолияти давлатӣ низ ба ҳифзу гиромидошти он робитаи ногусастанӣ дорад. Барои таҳкими истиқлолияти давлатӣ ба шаҳрвандон талқин бояд кард, ки сабақҳои талхи низои дохилӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро зинҳор аз хотир набароранд.

Эҳё ва барқарор намудани аркони давлатдории миллӣ ва ниҳодҳои асосии он идомаи мантиқии ин раванд ба ҳисоб рафта, қабули Конститутсия дар таърихи давлатдории мо саҳифаи навро оғоз намуд. Тавре Пешвои миллат ёдрас шудаанд: «Даҳсолаи аввали давлатдории миллии мо асосан ба ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, аз ҷумла ба эътидол овардани вазъияти кишвар, баргардонидани гурезаҳо, бо хонаву ҷой таъмин кардани онҳо, бесилоҳ гардонидани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, ҳалли масъалаҳои дар Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон муайяншуда сарф гардида, танҳо пас аз соли 2000-ум ба Давлату Ҳукумат муяссар гардид, ки ба таври ҷиддӣ ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоиро роҳандозӣ намояд».

Дар ин раванд месазад аз дастовардҳои қобили мулоҳиза ва арзандаи ситоиш вобаста ба татбиқи чор ҳадафи стратегӣ – расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар ифтихор ва иқтибос намоем.

Корро бояд ба роҳ монд, то тамоми қишрҳои ҷомеа беш аз пеш дарк ва арҷгузорӣ намоянд, ки маҳз ба шарофати мақому манзалати бениҳоят баланди муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналмилалӣ, обрӯву нуфузи хоса ва маҳбубияти беназири ин Абармарди дунёи сиёсат дар дохил ва хориҷи мамлакат Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ҷойгоҳи хосро соҳиб аст.

Ихтиёрдории тақдири имрӯзу фардо орзую ормони ҳар як миллат буда, на ба ҳар халқият муяссар мегардад. Зиёданд дар ҷаҳон миллатҳое, ки теъдодашон то 40 миллион нафар аст, вале на давлат доранду на истиқлолият. Агар ба далелу рақамҳои таърихӣ мутаваҷҷеҳ гардем, ғояи истиқлолият яке аз аркони калидии инсон ва шаклдиҳандаи андешаю ҳувияти миллӣ маҳсуб мешавад.

Соҳибистиқлолӣ агар, аз як ҷониб, ифтихор бошад, аз тарафи дигар, масъулияти азим буда, аз ҳар фарди миллат ҳисси баланди ватандӯстӣ, сатҳи волои ҳувияти миллӣ, садоқат ба арзишҳои инсонӣ, миллӣ ва давлатиро тақозо менамояд. Аллакай дар саҳифаҳои таърих бо ҳарфҳои заррин ҳаккокӣ шудааст, ки маҳз ба шарофати зуҳури муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, новобаста ба он ки истиқлолияти Тоҷикистон ба айёми мухолифатҳо рост омад, тоҷику тоҷикистониён, бо назардошти ҷанбаҳои милливу таърихӣ роҳи дурустро пеш гирифта, дар ҷодаи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ собитқадаманд.

Муҳимтар аз ҳама, усули вежаи давлатдории миллии Тоҷикистони соҳибистиқлолро ҷомеаи байналмилалӣ эътироф намуд ва кишвари мо мақому манзалати шоистаи худро дар ҷомеаи башарӣ пайдо кард. Ҷанбаи дигари муҳим, дарки моҳияти истиқлолият маҳсуб мешавад, зеро бидуни ин омил пойдории давлат ва бақои миллат имконнопазир аст.

Мутаассифона, баъзеҳо чун сухан дар бораи истиқлолияти давлатӣ равад, бештар ба ҷанбаҳои моддӣ ва иҷтимоӣ афзалият медиҳанд. Ин тоифа нодида мегиранд, ки маҳз истиқлолияти давлатӣ шароит муҳайё намуд, ки номаи тақдири худро бо дасти худамон нависем ва дар ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ҳамрадиф бо абарқудратҳо овоз ва мақому манзалатро соҳиб гардем. Вазифаи ҷонии масъулини мақомоти давлатӣ ва аҳли зиё он аст, ки ба мардум фаҳмонанд норасоӣ ва мушкилоти зиндагӣ танҳо дар сурати соҳибистиқлол будан ва мавҷудияти фазои сулҳу оромӣ ҳаллу фасл мегардад, зеро миллате, ки истиқлолияту озодӣ дорад, имконият ҳам дорад, ки камбудиҳои мавҷударо бе таъсири ғайр ҳаллу фасл намояд.

Маҳз, ба шарофати истиқлолияти давлатӣ раванди худшиносӣ ва ифтихор аз давлатдории миллӣ ба сатҳи сиёсати давлатӣ расид. Дар ин замина, ҳар як шаҳрванди Тоҷикистони соҳибистиқлол метавонад бо сарфарозӣ худро фарзанди миллати куҳанбунёду фарҳангсолор ва соҳибдавлати тоҷик муаррифӣ карда, аз Ватану ватандорӣ ва аз муқаддасоти миллии хеш - Парчаму Нишони давлатӣ ва Суруди Миллӣ ифтихор намояд.

Дар чунин шароити пуртазод ва торафт маъмул гардидани сиёсати духӯра таҳкими истиқлолияти давлатӣ афзалияти бештар касб намуда, чунин вазъ ҳамаро, сарфи назар аз мансубияти иҷтимоӣ, водор месозад, ки беш аз пеш зиракии сиёсиро меҳвари кору зиндагӣ қарор диҳем.

Ҳақиқати бебаҳс аст, ки раванди ҷаҳонишавӣ дар баробари мусоидат кардан ба пешрафти бесобиқаи илму техника, кашфиёти технологӣ, рушди босуръати иқтисодиёт ва ҳамгироии кишварҳо ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакатҳое, ки тараққиёти ноустувор доранд, хатари ҷиддӣ эҷод мекунад. Роҳбари мамлакат ин равандро ба селоби бузургу босуръате ташбеҳ доданд, ки «дар роҳи худ чашмаҳо ва рӯдҳои хурдро ба комаш фурӯ мебарад».

Вобаста ба таъсири манфии раванди ҷаҳонишавӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармудаанд: «Ба андешаи ман, натиҷаи аз ҳама нигаронкунанда ва ҳатто хатарноки раванди глобализатсия ва ҷараёнҳои ба он пайванд коҳиш ёфтани ахлоқ, маънавиёт, одоб, суннат, фарҳанг ва унсурҳои дигари иҷтимоист, ки бе онҳо ҳастии ҳақиқии инсон амалан ғайриимкон аст».

Бо хулоса аз вазъи кунунии сайёра метавон гуфт, ки минбаъд низ Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил ба масъалаҳое мувоҷеҳ мегардад, ки дурнамои истиқлолияти давлатӣ ба чигунагии ҳалли онҳо рабт дорад. Бегуфтугӯ, дар тамоми марҳалаҳо ҳифзу таҳкими соҳибистиқлолӣ масъалаи муҳими умумимиллӣ ва давлатӣ боқӣ мемонад.

Бояд бештар дар бобати он андешем, ки бо кадом роҳҳо истиқлолияти давлатиро метавон таҳким бахшид? Қабл аз ҳама, ташаккул додани тафаккури давлатӣ, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ифтихор аз соҳибистиқлолӣ бояд ягон вақт аз мадди назар дур намонад.

Баргузории чорабиниҳои қолабӣ бо иштироки ашхосе, ки худ моҳияти ин муқаддасотро дарк накардаанд, суханрониҳое, ки наметавонанд аудиторияро ҷалб намоянд, ҷалби нафароне, ки дар ҷомеа обрӯву эҳтиром надоранд, ба ҳеҷ ваҷҳ қобили қабул нест ва метавонад натиҷаи баръакс диҳад.

Мебояд бо ҷалби ашхоси донишманду аз набзи замон огоҳ, ба маънои том ватандӯст, ба Пешвои миллат воқеан ҳам содиқ, чорабиниҳои ба масъалаи мавриди назар дахлдоштаро дар сатҳи хубу сифати баланд доир намуд, то ҳисси ифтихор аз доштани Пешвое чун муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва соҳибистиқлолӣ дар қалби ҳар сокини Тоҷикистон, сарфи назар аз миллат, дину маҳзаб ва мавқеи сиёсию иҷтимоӣ беш аз пеш маскан гирад.

Барои комёб будан дар ин самт ба болоравии маърифати сиёсӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва зиракии сиёсии мардум таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудан бениҳоят муҳим аст. Мусаллам аст, ки дар сурати баланд будани маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон нотавонбинон дар самти фирефта намудани онҳо ноком мемонанд. Ба ибораи дигар, ҳувияти баланди миллию ватандӯстии мардум пойдевори амният ва суботи сиёсии давлат маҳсуб мешавад.

Дар тӯли 32 соли соҳибистиқлолӣ собит гардид, ки тоҷику тоҷикистониён бо роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ӯҳдаи иҷрои ин рисолати таърихӣ - бунёди давлати мутамаддини ҷавобгӯ ба орзую ормон ва манфиатҳои халқи кишвар ва эҷоди аркони давлатдории муосир сарбаландона баромаданд.

Дар шароити кунунӣ ба дастовардҳои ноилгардида иктифо накарда, баҳри тамоюли афзоишро касб намудани онҳо ҷаҳду талош бояд кард. Барои расидан ба ҳадафҳои муайянгардида мо дар симои Пешвои миллат роҳнамо дорем, ки сиёсати хирадмандонаю бунёдкоронаашон комёбиҳоро дар тамоми самтҳо афзун намуда, ба рушди устувори сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа такон бахшидаанд.

Пешвои миллат зимни яке аз суханрониашон дар назди хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъкид карданд: «Бояд барои ҳимояи сулҳу оромии ба қимати бисёр гарон бадастовардаамон, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва амнияти давлату халқамон омода бошем. Зеро ҳимояи амнияти давлат ва ҳифзи оромии ҷомеа барои мо вазифаи муқаддастарин, муҳимтарин ва афзалиятноктарин буда, мо ин корро бо кадом қимате, ки бошад, анҷом медиҳем!»

Овардани ин иқтибос дар фарҷоми матлаб мантиқан ва моҳиятан бамавриду рамзӣ буда, ба мазмуну муҳтавои мақолаи «Эҳёи миллат - бақои давлат» алоқаманд аст.

---

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

# УСТОД АЙНӢ – РАҲНАМОИ ОЛИМОНИ ҶАВОН

**Мактаби илмию адабии устоди забардаст Садриддин Айнӣ, таҷрибаи таҳқиқоти илмӣ, муносибати хайрхоҳона ва дар айни замон сахтгиронаи ин саромади илму адаби тоҷик барои ҷавонони имрӯза дар роҳи душвору заҳматталаби илм воқеан, намунаи ибрат, роҳнамои муфид ва дастурамали муассир мебошад. Устод муддати умри пурбаракати худ ба даҳҳо шоирону нависандагон, олимону пажӯҳишгарон бо маслиҳату роҳнамоӣ дасти мадад дароз кард, ки аксари онҳо оянда чун олимони забардаст, чеҳраҳои шинохтаи адабу фарҳанги кишвар ба камол расида, муаррифгари миллати тоҷик гардиданд. Ҳақ ба ҷониби шогирд ва ҳамкори устод Айнӣ Раҳим Ҳошим аст, ки гуфта: «... Айнӣ на фақат ба воситаи осори боқигузоштааш ба мо бисёр чизҳо омӯхтааст ва меомӯзад, балки ба воситаи ҳаёти шахсии худаш, тарзи зиндагии худ, муносибаташ ба кор бо вазифашиносиаш, бо риояташ ба интизом низ барои мо, хусусан барои ҷавонон аз бисёр ҷиҳатҳо намунаи ибрат шуда метавонад».**



**А. РОЗИҚЗОДА,**
**раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корманди шоистаи Тоҷикистон**

Доир ба нақши бузурги мактаби илмии устод Айнӣ дар тарбияи адибону нависандагон, рӯзноманигорон ва умуман аҳли эҷоди нимаи аввали асри XX, пажӯҳишгарону айнишиносон чандин китоби бунёдӣ, ёддошт, монография, диссертатсия ва асару мақолаҳо ба табъ расондаанд. Мо зарур донистем бо зикри мисолҳои воқеӣ аз рӯзгор ва таҷрибаи амалии устод Айнӣ дар чигунагии муносибат бо олимони ҷавон, бо ибораҳои пурҳикмати устод ба «қаҳрамонони ба суроғи илм рафта» шогирдони имрӯзаро дар роҳи таҳқиқоти илмиашон ба дақиқкорӣ ва навиштани рисолаҳои арзишманд даъват намоем, зеро имрӯз дар ин раванд баъзе тамоюлҳои номатлуб ба чашм мерасанд, ки ҳаргиз ба фоидаи илми ватанӣ нестанд. Дар ин робита Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон чунин иброз намудаанд: «... таъкид менамоям, ки дар ин раванд, на ба миқдор, балки бештар ба сифати рисолаҳои илмии анҷомёфта таваҷҷуҳ зоҳир гардад. Рисолаҳои донишмандон ва муҳаққиқону унвонҷӯён бояд дар сатҳи баланди илмии ҷавобгӯй ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ таълиф шаванд ...». Бинобар ин, бори дигар ба фидокорӣ, заҳмати ҳалол, анҷоми таҳқиқоти бунёдию арзишманд, кашфиёту ихтироъкорӣ ва дар ин замина пайвастани истеҳсолот ба илм даъвату ҳидоят кардани устодону шогирдон хеле бамаврид ва саривақтӣ мебошад.

Маълум аст, ки устод Айнӣ аз овони хурдсолӣ соҳибистеъдоду мушоҳидакор, дорои хотираи қавӣ ва ҳисси баланди кунҷковӣ буд ва ин хислатҳояш бо мурури замон инкишоф ёфтааст. Чунонки устод мегӯяд: «... ин кунҷковии қобилияти одамон аз хурдсолӣ ба ман одат шуда, бо таҷрибаи бисёр рафта-рафта ба камол расидааст».

Айнии ҷавону ташнаи илму дониш ҳангоми таҳсил дар мадрасаҳои Бухоро ба хулқу атвор, тарзи либоспӯшӣ, қиёфа, гуфтору кирдори афрод, рӯйдоду ҳаводиси замонаш таваҷҷуҳи хос зоҳир менамуд. Ба ҳарфзании сокинони минтақаҳои гуногуни аморат диққат медод, ҳар як калима ё ибораи нави гуфториро пайдо мекард, бо як завқу ҳирси зиёди кунҷковӣ ба луғатҳои гуногун қиёс ва маъною мафҳуми онҳоро ҷустуҷӯ менамуд. Ба хондани китоб шавқи беандоза дошт, дар омӯзиш аз мушкилот ва заҳмати сангин намеҳаросид. Ҳамаи ин хислатҳо, ки хоси пажӯҳишгари асил мебошанд, ба ӯ имкон доданд, ки бисёр соҳаҳои илму дониши замони худ, аз ҷумла мантиқ, таърих у таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ, забон (грамматика, луғатшиносию луғатнигорӣ), адабиёт (назму наср, фолклор, матншиносӣ, танқиди адабӣ), санъат, этнография (қиёфашиносию чеҳрашиносӣ, урфу одати мардум), шариати ислом, педагогика (таълиму тарбия), психологияро аз бар намуда, ҳамчун донишманди бузург ба камол расад ва аз худ барои наслҳои оянда осори мондагор ба мерос гузорад.

Тамоми рӯзгор ва осори устод Айнӣ барои шоирону нависандагон, адабиётшиносону забоншиносон, таърихшинсон ва олимони ҷавон дар шоҳроҳи илм мактаби бузурги омӯзиш ва таҷриба маҳсуб меёбад. Зиёда аз ин, устод Айнӣ борҳо ба адибону нависандагони ҷавон роҳнамоӣ намудааст, ки ин мавзӯи суҳбати дигар аст.

Бояд гуфт, ки устод Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмӣ диссертатсияи алоҳида нанавишт, вале бар асоси таълифоту нигоштаҳо таълифот ва хидматҳои арзандааш дар рушди илму адаби тоҷик аз тарафи Донишгоҳи давлатии Ленинград (ҳоло Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург) ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ, ҳамзамон аз рӯи пажӯҳиш ва таҳқиқоти асилу бунёдӣ ва фаъолияти омӯзгориаш дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба унвони профессор сазовор дониста шуд.

Ин донишманди бузург нисбат ба афрод дар роҳи илму эҷод сахтгиру серталаб буда, ҳусну қубҳ ва камбуду норасоии осорашонро ба хотири пешрафти илм ба таври комил ошкор мекард.

Имрӯз олимони мо, бахусус, олимони ҷавон, нақду машваратро хуш намепазиранд ва қабул ҳам надоранд. Аз ин ҷост, ки таҳқиқоти диссертатсионии довталабони дараҷаҳои илмӣ дар кафедраю шуъбаҳо, муассисаҳои пешбар ва ҷаласаҳои пешдифоъ ҷиддӣ муҳокима намешаванд. Аксар муҳокимаҳо дар шӯрои диссертатсионӣ бисёр вақт ба таҳсину офарини диссертант сипарӣ мешаванд. Тақризи муқарризони расмӣ аксаран такрори якдигаранд. Ин шаҳодати он аст, ки тақризҳоро роҳбар ва унвонҷӯ худашон пешакӣ омода месозанд. Дар ин ҳол омӯзиши таҷрибаи мактаби илмию адабии устод Айнӣ барои ҷавонон бисёр муассиру созанда аст, ки дар анҷоми рисолаҳои илмӣ ҷиддӣ ва масъул бошанд.

Аз ин ҷиҳат мулоҳизаҳо, андешаю маслиҳатҳои устод Айнӣ нисбат ба нависанда Ҷалол Икромӣ, дар мукотибааш ба Абдусалом Деҳотӣ (23 - юми октябри соли 1946) ҷолиб аст: «... ман барои дуруст шудани кори ҳеҷ нависандаи ҷавон, садяки он дараҷае, ки барои дуруст шудани кори Ҷалол Икромӣ азоб кашидаам, накашидаам».

Вақте ки қисми якуми романи «Шодӣ»-ро Ҷалол Икромӣ ба итмом расонд, ду сол мавриди нақди аҳли қалам қарор мегирад ва ниҳоят нашриёт онро барои таҳрир ба Садриддин Айнӣ мефиристад. Устод Айнӣ дар ин бора чунин менависад: «Дастнавис (қисми якуми романи «Шодӣ» дар назар аст - Р. А.) дар як дафтари калони муқовадор саҳифа дар миён навишта шуда буд. Ман дар болои кори ин китоб, ба муқобили ҳар саҳифа як саҳифа дар бораи хатоҳои он саҳифа навиштам ва дар охир ҳамин мулоҳизаро қайд кардам, ки «агар муаллиф ҳамаи он хатоҳоеро, ки дар ин ҷо нишон дода шудааст, ислоҳ намояд, қобили табъ аст».

Аз ин навиштаҳои устод Айнӣ чунин бармеояд, ки Ҷалол Икромӣ китобро бидуни ислоҳи баъзе хатоҳои ишоракардаи устод чоп намудааст. «Охир, ба кадом роҳе, ки бошад - мегӯяд Айнӣ, - қисми якум (яъне қисми якуми романи «Шодӣ» - Р. А.) чоп шуд ва ҳамаи он фикрҳои танқидии ман аз забони ом ба майдон баромад. Аммо он нусхае, ки ман кор кардам, ба майдон набаромад».

Устод Айнӣ таъкид мекунад, ки агар Ҷалол Икромӣ хатоҳоро ислоҳ мекард, «ин қадар шатта намехӯрд ...» ва ӯ «... бояд мағрурӣ ва худнамоиро як сӯ монда, ба маслиҳатҳои одамони таҷрибакор ва ба танқидҳои ҳаққонӣ гӯш андозад ва ба амал орад. ... Ҷалол, бешубҳа қуввваи нависандагии калон дорад. Бояд ӯ бар болои асарҳои худ фикри коллективро гирифта, гашта баргашта кор кунад. Ягона ва охирин маслаҳати ман ба ӯ ҳамин аст».

Аз ин навиштаҳо бармеояд, ки устод Айнӣ истеъдоди нависандагии Ҷалол Икромиро дар ҳоли шуҳраташ эътироф мекунад, вале дар баробари ин, камбудиҳои романи «Шодӣ»-ро хеле муфассал ошкор менамояд, ки ин барои пешрафти адабиёти тоҷик ва рушди инфиродии адиб заминаи мусоид мегузорад.

Аз солҳои 40-уми асри гузашта таваҷҷуҳи аспирантону муҳаққиқон ба осори гаронбаҳои устод Айнӣ зиёд шудан гирифт. 18 - уми ноябри соли 1949 Набиҷон Раҳимов – аспиранти Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Шӯравии Ӯзбекистон ба устод Айнӣ мактуб навишт, ки «... мехоҳам мавзӯи диссертатсияи худро аз эҷоди пурҳосили он ҷониб бигирам. Бад - ин сабаб бағоят хоҳишмандам, мавзӯъҳои рафиқони дигар, ки онро аз эҷоди шумо диссертатсияи худ гирифтанд, бо василаи хат маълум намоед». Дар посух устод Айнӣ ба Набиҷон Раҳимов менависад, ки «... ман намедонам, кӣ ба болои кадом асари ман кор карда истодааст? Ҳамин қадар медонам, ки Соҳиб Табаров ном аспиранти филологи тоҷикистонии Академияи фанҳои Иттифоқ ду сол боз бар болои румони «Ғуломон» кор мекард. Соли гузашта (яъне, соли 1948 – Р. А.) диссертатсияи худро дар Ленинград - дар Институти шарқшиносии Академияи фанҳои Иттифоқ ҳимоя карда, номи кондидотиро гирифт. Дигар аз касе хабар надорам. Бо ҳамаи ин ман тавсия мекунам, ки шумо бар болои румони «Дохунда» кор кунед».

Дар баробари ин, устод Айнӣ ба хотири пешгирӣ аз хато ва ғалаткорӣ ба аспиранти ӯзбекистонӣ Набиҷон Раҳимов тавсия медиҳад, ки: «... лекин на бар болои чопи ӯзбекии вай (яъне, «Дохунда» - Р. А.). Чунки вай тарҷума буда, сар то по вайрон аст. Шумо бояд бар болои нусхаи тоҷикиаш, ки ҳамин сол ба муносибати Декадаи адабиёти тоҷик дар Истолинобод чоп шуд, кор кунед».

Дар иртибот бо муносибати гарму хайрхоҳонаи устод ба муҳаққиқони ҷавон мукотибаи Муҳаммадҷон Шукуров бо устод Айнӣ хеле ҷолибу омӯзанда мебошад. Аз мактуби Муҳаммадҷон Шукуров маълум мегардад, ки ӯ бори аввал 17- уми январи соли 1950 ба устод муроҷиат карда буд, ки «Ман писари хурдии Садри Зиё Муҳаммад мебошам, ки аз Сталинобод хат карда истодаам ... Ман аспирант ҳастам ва мавзӯи диссертатсиям эҷодиёти Аҷзӣ мебошад». Дар идомаи мактуби худ аспиранти ҷавон вобаста ба шахсият ва эҷодиёти Аҷзӣ ба устод Айнӣ бо шаш савол муроҷиат менамояд: «Равшан шудани ин масъалаҳо барои пеш рафтани кори ман аҳамияти калон дорад. Агар дар ин соҳа аз Шумо, устод, ёрӣ мегирифтам, то абад миннатдор мемондам».

Устод Айнӣ новобаста аз беморӣ ва серкорӣ дар мактуби ҷавобиаш ба М. Шукуров бо арзи муҳаббату самимият машварат медиҳад, ки «Аҷзиро ман дар соли 1909 аввалин бор дар Самарқанд дида будам ... ӯ одами қашшоқи камзамин буд, ки даҳлаш ба харҷи фақиронааш намерасид ... Ба фаҳми ман, фазилати бисёр муҳими Аҷзӣ ин аст, ки ӯ аз байни зиёиёни кӯҳна дар замони кӯҳна аввалин касест, ки забони русиро омӯхтааст ва ба омӯхтани забон ва маданияти рус мардумро ҷиддиёна ва гарму ҷӯшон ташвиқ кардааст» . Дар баробари ин, устод Айнӣ ба М. Шукуров ишорат кард, ки: «Дар Самарқанд писари Аҷзӣ ҳаст, ки Аъзамхон ном дорад. Ман шунидам, ки ӯ дар бораи падари худ мақолаи муфассале навишта, ба идораи журнали «Шарқи сурх» фиристодааст. Шумо метавонед аз ҳамон мақола (агар чоп нашавад, аз дастнависаш) дар бораи тарҷумаи ҳоли Аҷзӣ фоида баред».

Устод С. Айнӣ дар робита ба он муҳаққиқону пажӯҳишгароне, ки хоҳиши таҳқиқи осору зиндагонии худи ӯро доштанд, бо муҳаббату самимият аз рӯи одобу ахлоқи инсонӣ рафтор мекард, ки ҳоло ҳам ин таҷриба барои роҳбарони илмии имрӯза омӯзанда ва муфид аст.

Таваҷҷуҳ менамоем ба мактубҳои устод Айнӣ ба донишҷӯ ва муҳаққиқи ҷавон Расул Ҳодизода: «Ҳангоми таҳсили мактаби олӣ дар Тошканд Расул Ҳодизода 2 - юми январи соли 1950 ба номи С. Айнӣ мактуб навишт, ки аз ҷониби факултет якчанд мавзӯъро ба сифати кори дипломӣ пешниҳод кардаанд, вале ба ӯ бештар интихоби мавзӯи «Тадқиқоти илмии Садриддин Айнӣ оид ба таърихи адабиёти тоҷик» писанду ҷолиб мебошад». Инчунин, Расул Ҳодизодаи илмдӯст дар мактубаш меафзояд, ки «Ин кори аввалини ҷиддии илмии ман аст ва меҳоҳам қадами нахустини ман бемуваффақият набароянд. Аз ин сабаб, бо изҳори хоҳиши зерин муроҷиат намудам. Агар вақт дошта бошед ва ба корҳои дигари Шумо халал нарасад, ба кори дипломии ман роҳбарӣ намуданро қабул мекардед, хеле хуб мешуд».

Устод Айнӣ дар мактуби ҷавобӣ (аз 27-уми феврали соли 1950) ба Р. Ҳодизода навишт: «Бо афсӯс маҷбурам ба Шумо маълум кунам, ки ман дар бораи дипломни работетон ба Шумо роҳбарӣ карда наметавонам». Аввалан, устод бо узри серкорӣ, этикаи илмӣ ва хоксорӣ аз раҳбарӣ даст кашид. Дувум, навиштааст ин марди хирадманд: «Модом, ки кори шумо тадқиқи асарҳои илмии ман аст, худи ман роҳбарӣ карданам, он қадар муносиб нест». Ҳамзамон, ин олими барҷаста барои дилсард нашудани як муҳаққиқи ҷавон узр пеш овард, ки «Ман умедворам ва боварӣ дорам, ки шумо ин узрҳои маро мефаҳмед ва барои рад кардани коратон аз ман намеранҷед ... ман маслиҳат медиҳам, ки профессор Семёнов (А. А. Семёнов - Р. А.)-ро ба худ раҳбар қарор диҳед».

Муносибати хайрхоҳона ба муҳаққиқони ҷавони эҷодкору дақиқназар ва дастгиру мададгор будани устод Айниро аз чанд мукотибааш бо нависанда ва публитсист Тоҷӣ Усмон ҳам эҳсос кардан мумкин аст. Аз як мактуби Тоҷӣ Усмон ба номи С. Айнӣ (аз 11- уми марти соли 1950) чунин бармеояд, ки завҷаи ӯ доир ба таърихи хонии Бухоро аз замони инқилоби феврал то инқилоби октябр диссертатсия менависад ва дар ин хусус аз устод Айнӣ роҷеъ ба чанд масъала машварат меҳоҳад.

Азбаски устод Айнӣ рафти воқеаҳои таърихии ин давраро ба унвони шоҳиди замон хуб медонист, дар мактуби ҷавобиаш (аз 15- уми марти ҳамон сол) ба номи Тоҷӣ Усмон навишт: «Ҳозир ҳамин қадарро маслиҳат медиҳам, ки «Бухоро инқилобӣ таърихининг маторёллари» ном асари маро хонда бароянд. Зеро ҳар чизе, ки ман дар ин бора донам, дар ҳамон китоб ҳаст». Аз навиштаҳои баъдии Тоҷӣ Усмон маълум мегардад, ки ба диссертатсияи завҷааш Бобоҷон Ғафуров низ, ҳамчун муҳаққиқ баҳои хуб додааст. Баъдан, устод Айнӣ 4-уми ноябри соли 1950 ба ин диссертатсия тақризе навишт, ки «Ман ба сифати як шоҳиди зиндаи аҳволи байни феудол ва уктабри Бухоро ва монанди як иштироккунандаи он воқеаҳо масъалаҳои дар он асар ҳал кардашударо мувофиқи фактҳои таърихӣ медонам ва ин диссертатсияро барои ҳимоя кардан сазовор мешуморам».

Акнун чанд сухан атрофи муносибати устод Айнӣ бо фарзандонаш Холида ва Камол, ки роҳи илмро пеша карда буданд. Устод фарзандонашро ба мисли худаш дар рӯҳияи илмдӯстӣ ба камол расонд. Ӯ дар ҳеҷ сурат ба фарзандонаш имкон надод, ки аз ном ва шуҳрати падарашон истифода намоянд, балки ҳамеша барои таҳсили фарзандонаш аз ҷиҳати моддию маънавӣ шароити зарурӣ фароҳам овард ва аз ҳар пешравӣ ва муваффақияти фарзандонаш хурсанду болидарӯҳ буд. Дар як мактубаш устод Айнӣ ба академик Султон Умаров менависад: «... бародарзодаатон Холида Айнӣ имсол УзГу-ро дар группаи русии факултаи адабиёт бо баҳои аъло – 5 тамом кард. Дар диплумни работ «Шоҳнома»-и Фирдавсиро дар забони русӣ кор карда баромад. Ба ин кори ӯ профессор Бертелс (Е.Э. Бертелс (1890-1957) – Р.А.) баҳои бисёр хуб дода, дар як ҷойи тақризи худ гуфтааст: «Агар бар болои ин маторёл боз андак кор кунед, барои диссертатсияи номзади илмӣ меарзад».

Устод Айнӣ андаке дертар дар як мактуби дигараш (аз 23-юми январи соли 1952) ба Юлдошев – корманди маъмурии Академияи илмҳо хушнудии худро изҳор медорад, ки «... духтари ман Холида диссертатсияи кондидотии худро бомуваффақият ҳимоя карда, бо як овози совети илмӣ унвони кондидотӣ додан ба ӯ қарор дода шудааст». Ва аз ин муваффақияти илмии фарзандаш хушҳолиашро пинҳон накардааст, зеро хуб медонист, ки Холида дар ин ҷода хуб заҳмат кашидаву арзанда буд.

Вале дар як мактуби дигараш (25 - уми июли соли 1953) ба Саидҷон Алиев – корманди Институти педагогии Бухоро аз муносибати роҳбарони институт ва кормандони он ба набераи бародараш Юсуфҷон Иброҳимзода изҳори норизоӣ менамояд. Азбаски навиштаҳои ин олими забардаст ва марди хирад имрӯз ҳам барои олимону эҷодкорони ҷавон дарси ибрат ва хеле муфид аст, зикри баъзе нуктаҳои онро бамаврид медонем:

«Рафиқ Саидҷон Алиев! ... Як мактубатон дар хусуси баёни қобилияти набераи ман Юсуфҷон Иброҳимзода буд. Дар он мактуб ба ӯ ёрмандӣ карданатонро ва шеърҳои ӯро ба газета чоп кунонданатонро изҳор карда будед. Аз худи талабаи мазкур низ 2-3 мактуб гирифтам, ки хеле аз шоир шудани худ фахр мекунад...

... Ба фаҳми ман ва аз рӯи таҷрибаи ман, ба ҷавонон ин гуна роҳбарӣ кардан зарарнок аст. Онҳоро ҳамеша ба хондани адабиёт ва ба фаҳмида хондани он ташвиқ кардан лозим аст, аммо дар хурдсолӣ ва камтаҷрибагӣ асарнависиро дар онҳо манъ кардан беҳтар аст. Агар аҳёнан чизе нависанд, асари онҳоро аз таҳсин зиёдтар танқид кардан зарур аст, то ки онҳо ба дарди мағрурӣ гирифтор нашаванд. Бо таҷриба собит гардид, ки ҳар ҷавоне, ки дар хурдсолӣ мағрур шавад, аз камол дур мемонад, он низоъҳое, ки дар байни баъзе нависандагони Ӯзбекистон ҳаст, натиҷаи дар хурдсолӣ мағрур шудани онҳост ... Дар ин хусус гап бисёр аст, мисол фаровон».

Мазмуну муҳтаво ва андешаҳои устод Айнӣ дар як мактуби дигараш ба номи олими ҷавон Расул Ҳодизода (аз 27- уми феврали соли 1954) роҷеъ ба масъалаҳои мавриди назар аз ғамхории устод ба илми Тоҷикистон дарак медиҳад, ки то имрӯз арзиши худро гум накардааст. Расул Ҳодизода дар шуъбаи аспирантураи Москва таҳсил мекард ва доимо ба устод Айнӣ робита дошт.

Муҳаққиқи ҷавону ояндадор ҳамеша аз меҳрубонию ғамхории устод бархӯрдор буду дастгирӣ меёфт. Аз ҷумла, устод Айнӣ ӯро ба аспирантура фиристода ва муҳлати таҳсилашро низ дароз намуд. Р. Ҳодизода дар яке аз мактубҳояш аз устод Айнӣ хоҳиш менамояд, ки ба ӯ иҷозат диҳад, то дар Москва бимонад. Вале ин марди фозилу дурандеш масъаларо дар сатҳи сиёсию давлатӣ, бо назардошти манфиату шароити онрӯзаи Тоҷикистон чунин ба миён мегузорад: «Ман дар бораи пурсиши шумо (яъне, дар Москва мондани Р. Ҳодизода – Р.А.) сатрҳои зеринро менависам. Ҳар кас, ки дар як замони маълум ва вақти муайян барои таҳсили илм дар Москва истода бошад ва ҳақиқатан ӯ толиби хоҳиши пеш рафтан дошта бошад, албатта, дар он ҷо монданро хоҳиш мекунад. Аммо ман дар шароити ҳозираи беодамӣ ва қаҳтурриҷоли Тоҷикистон ин фикри шуморо қабул карда наметавонам. Ман ҳам аз нуқтаи назари он ки яке аз коркунони ҷавобгари Академияи Тоҷикистон мебошам, ҳам ба сифати он ки шуморо «кадри тайёр» гуфта «ҳой-ҳойю бай-бай гӯён» ба аспирантураи он ҷо тақдим кардаам, ҳам аз ҷиҳати он ки дар вақти пур шудани муддати аспирантураатон шахсан кӯшиши фавқулода карда, муҳлатро шаш моҳ дароз кунонидаам, ин фикри шуморо қатъиян қабул карда наметавонам. Зеро дар он сурат, ҳам худам дар миёни касони ба ин кор дахлдор ва роҳбарони боло расво ва хандахариш мешавам, ҳам дар ҳолати ҳозираи Тоҷикистон виҷдонам дар азоб мемонад. Бояд шумо ҳам дар ин кор на аз нуқтаи назари манфиати шахсии худ, ки дар Москва зудтар пеш меравед ва ҳам зиндагонии он ҷо нисбат ба Сталинобод маданӣ ва осуда аст, қатъи назар карда, фақат ҷиҳати қаҳтурриҷолии (қаҳтии одам) Тоҷикистонро ба назар гирифта зуд биёед ... Ҳозира дониши русиатон барои дар Тоҷикистон кор кардан, муваққатан кифоя кунад ҳам, барои коркуни ҳақиқатан илмии адабиёти тоҷик шудан, забони тоҷикиатон кифоя намекунад ...».

Вобаста ба муносибати самимонаи устод Айнӣ нисбат ба олимону муҳаққиқон боз аз як мактуби табрикотии дигари ӯ ёдовар мешавем, ки 30 - юми сентябри соли 1953 ба муносибати 60-солагии фаъолияти илмии профессор А. А. Семёнов ирсол шудааст. Дар ин нома С. Айнӣ дар радифи ситоиши хидматҳои шоёну арзандаи А. А. Семёнов ба паҳлуҳои нозуки фаъолияти ин донандаи забардасти таърих у фарҳанги халқи тоҷик ишора менамояд.

Як хусусияти Шумо ин аст, ки – мегӯяд устод Айнӣ, - дар мустамликаи подшоҳӣ - дар Туркистони пештара нишаста, ба омӯхтани забон, хат, адабиёт, санъат ва тарзи меъмории аҳолии мазлуми мустамлика кӯшиш намуда, онҳоро сазовори ҳурмат ва шараф донистед ва ҳол он ки амалдорони мустамликачӣ он аҳолиро хор мешумориданд ва лоиқи ҳар гуна таҳқир медонистанд.

Ҳамзамон, устод Айнӣ ба заҳматҳои профессор А. А. Семёнов дар тарбияи як зумра олимони тоҷик ишора ва миннатдорӣ изҳор намуда, ӯро ифтихори тоҷикон медонад. «Мо, тоҷикон, - менависад устод Айнӣ, - бо шумо фахр мекунем, ки бештарин хидматҳои илмии шумо ба омӯхтан ва эълон кардани мероси маданӣ ва таърихии гузаштагони мо бахшида шудааст ва дар ин роҳ на танҳо хидмати илмии худро дареғ надошта кор кардед, балки дар бобати расонидани кадрҳои пуристеъдод низ кӯшишҳои пурсамар ба амал овардед».

Ҳамин тариқ, бо такя аз вижагиҳои мактаби илмӣ, ки сахтгирию меҳнати ҳалолро тақозо дошт, таҷрибаи амалӣ ва хидматҳои устоди зиндаёд С. Айнӣ гуфтан мумкин аст, ки дар ҷодаи илму эҷод роҳи осону сода нест ва ин пайроҳа аз ҳар нафар заҳмату бедорхобӣ, матонат, садоқат ва сабуриро тақозо дорад. Агарчанде ин роҳ тахту ҳамвор нест, вале дар ниҳояти кор дарахти пурборест, ки меваҳои шаҳдбору шакаринаш касро ба қуллаҳои мурод мерасонад.



# БОХТАР:
## КАЛОНТАРИН КОРХОНАИ САНОАТӢ АЗ ФАЪОЛИЯТ МОНД

**Чанд моҳ мешавад, ки дар шаҳри Бохтар ҶСК «Трансформатор» фаъолиятро қатъ кардааст. Дар анбори ин корхонаи азими саноатӣ беш аз 290 трансформатори истеҳсолгардида бе харидор аст.**




Бино ба гуфти мудири шуъбаи иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар Афзал Юсуфзода, сабаб он аст, ки ҶСК «Барқи Тоҷик» шартномаро бо ин корхона қатъ кард.

- То фаъол будани корхона маҷмӯи маҳсулоти саноатии шаҳр ҳар моҳ 120 – 130 фоиз иҷро мешуд. Мутаассифона, чанд моҳи охир ин нишондод 100 – 101 фоиз иҷро мегардад, - афзуд Афзал Юсуфзода.

Дар шаш моҳи аввали соли 2022 ҶСК «Трансформатор» ба маблағи 15 миллиону 741 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда буд. Ин нишондиҳанда дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ 7,4 миллион сомонӣ кам мебошад.

Афзал Юсуфзода маълумот дод, ки ҶСК «Барқи Тоҷик» аз ҶСК «Трансформатор» 20,3 миллион сомонӣ қарздор аст. Роҳбари техникии «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Бохтар Раҷабалӣ Бояков зимни нишасти матбуотии ин ниҳод эътироф кард, ки ҶСК «Барқи Тоҷик» шартномаашро ба ҶСК «Трансформатор» қатъ кардааст, вале нагуфт, ки сабаби қатъи шартнома чист.

Номбурда гуфт, ки ҶСК «Трансформатор» аз «Шабакаҳои тақсимоти барқ»-и шаҳри Бохтар 500 ҳазор сомонӣ қарздор аст.

-Аз рӯзе, ки ҶСК «Барқи Тоҷик» шартномаро бо ҶСК «Трансформатор» қатъ кард, ба «Шабакаҳои тақсимоти барқ»-и шаҳри Бохтар трансформатори нав ворид нагардидааст, - гуфт Р. Бояков.

Талошҳои мо барои суҳбат бо роҳбари ин корхона бенатиҷа анҷом ёфт. Ба зангҳои телефонии мо низ ҷавоб дода нашуд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми стратегии Ҳукумати мамлакат қарор додаанд ва ба ин соҳаи муҳими иқтисодиёти миллӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Ҳамчунин, аз ҷониби Пешвои миллат солҳои 2022 - 2026 «Солҳои рушди саноат» эълон гардидааст.

Масъулинро зарур аст, ки ба ин корхонаи муҳими саноатӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоянд, то он фаъол гардад.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

# Розҳои Ҳошим Ғадо



Писарбачаеро дидам, ки ба осмон менигарист, ба сӯи тайёра дастафшонӣ мекард. Ба наздаш омадаму аз ӯ пурсидам, ки чаро ба ҳавопаймо даст афшондӣ?

Ӯ посух дод:

- Бародарам ба Дубай парвоз кард.

Боз пурсидам:

- Бародарат аз куҷо парвоз кард?

Гуфт: - Аз Душанбе.

Ман ба ӯ гуфтам, ки ин тайёра аз Москва ба Аврупо парвоз дорад. Ӯ боз аз нав сӯи осмон менигаристу дастафшонӣ мекард ва сипас ба ман нигоҳ карду гуфт:

- Аз куҷое, ки набошад, дар он бародари ман аст!

***

Яке гуфт: «зиндагӣ қафо мондааст». Дигаре гуфт: «зиндагӣ не, одамон қафо мондаанд, зиндагӣ беист пеш рафтааст. Зиндагӣ парвои одамон надорад. Он ҳамеша чунин буд, ҳамеша ҳамин хел мемонад».

***

Инсоне, ки худро идора карда наметавонад, оила ва фарзандҳояшро роҳбарӣ карда наметавонад.

***

Пирӣ аз паси сарат аллакай нафас кашида истодааст.

***

Ту бандаи хокӣ, вақтро лаҷом зан, на ин ки вақт туро лаҷом занад.

***

Ҳар як шахс пастию баландиҳои худро дорад, пастиатро ислоҳ куну ба баландиат нигар.

***

Барои он ки кашф кунӣ, тоқат куну омӯз.

***

Дар рӯи замин аз қадимулайём ҷангу ҷидолҳо рӯй медиҳанд. Барои он ки ҳамдигарро намефаҳманд ва фаҳмидан ҳам намехоҳанд. Агар мардум ҳамдигарро мешунавиданд, медиданду мефаҳмиданд, ҳамдигарро нест намекарданд.

***

Яке дар парвоз аст, дигаре аллакай ба замин мефарояд. Ӯ дигар парвоз карда наметавонад.

***

Ҳар чӣ мешавад, аз худи ту вобаста аст. Ин тавр мехоҳӣ, ин тавр мешавад. Он тавр хостӣ, он тавр мешавад.

***

Ҷавонӣ намедонад, ки пирӣ чист, баъди пир шудан мефаҳмӣ, ки ҷавонӣ чӣ будааст.

***

Менигараму меандешам: Ин чист? Он кист? Баъд чӣ хоҳад шуд? Ба суолҳои худ ҷавоби аниқ намеёбаму боз меандешам: Чаро? Барои чӣ? Барои чӣ тавлид шудан, барои чӣ рафтан? Кай баргаштан? Ин суолҳо беҷавоб мемонанд. Ба ин суолҳои ман ояндаҳо ҳам ҷавоби дақиқ нахоҳанд дод.

***

Нафс душмани асосии рӯҳу бадан аст.

***

Ман агар намесӯхтам, эҳтимол чизе сохта наметавонистам. Сӯхтан маро аз пӯсидан наҷот дод. Ман имрӯз бар асари сӯхтан зинда мондаам ҷовид.

***

Нубуғат ирсӣ несту зотӣ, он атои Худованд аст.

***

Дар рӯи зербинои ғами дигарон тахти бахти хешро магузор.

***

-Актёр кист?

-Оне ки бе бозӣ зиста наметавонад. Ӯ ҳатман бояд бозӣ кунад, бибозад.

***

Пастию баландиҳои ҳаётро бисёр паси сар кардаам, вале на ба ҷое расидаму на чизеро дарёфтам.

*Аз китоби «Розҳо», ҷилди якуми осори Ҳошим ҒАДО*

Хонандагони азиз, шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.

ОБУНА - 2024

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024 ИДОМА ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА ХОРИҶИ МАМЛАКАТ ХАБАРДОР МЕКУНАД.

НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА **196 СОМОНӢ** МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»: с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.*

*Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул шуда, пешохангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.*

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ озмун эълон мекунад

1. Сардори раёсати сиёсати энергетикӣ ва захираҳои об, рушди илму техника;
2. Сармутахассиси раёсати сиёсати энергетикӣ ва захираҳои об, рушди илму техника;
3. Сармутахассиси раёсати сармоягузорӣ;
4. Сармутахассиси раёсати электроэнергетика;
5. Сармутахассиси раёсати электроэнергетика;
6. Сармутахассиси раёсати захираҳои об;
7. Сармутахассиси раёсати захираҳои об;
8. Сармутахассиси бахши котибот;
9. Сармутахассиси бахши кадрҳо ва корҳои махсус;
10. Мутахассиси пешбари раёсати сиёсати энергетикӣ ва захираҳои об, рушди илму техника;
11. Мутахассиси пешбари раёсати сармоягузорӣ;
12. Мутахассиси пешбари раёсати электроэнергетика;
13. Мутахассиси пешбари раёсати электроэнергетика;
14. Мутахассиси пешбари бахши котибот;
15. Мутахассиси раёсати электроэнергетика;
16. Мутахассиси раёсати электроэнергетика;
17. Мутахассиси раёсати ҳуқуқ;
18. Мутахассиси раёсати ҳуқуқ.

Шаҳрвандоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои зеринро ба бахши кадрҳо ва корҳои махсуси вазорат (кӯчаи Шамсӣ - 5/1) пешниҳод намоянд:
- ариза ба унвони роҳбари мақомот;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (акси рангаи 3x4 ва 4x6, 4 дона); тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот (диплом);
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки агар шахс собиқаи меҳнатӣ надошта бошад);
- маълумотнома оид ба вазъи саломатии (шакли 038УЕ);
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
- нусхаи суғуртаи иҷтимоӣ (СИН);
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);
- маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулки худ;
- маълумотнома оиди доғи судӣ;
- маълумотнома аз ҷои истиқомат.

**Эзоҳ:** талабот барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ:
- сардори раёсат 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- сармутахассис 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- мутахассиси пешбар 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад.

Музди меҳнати заминавӣ барои сардори раёсат – 3300 сомонӣ, сармутахассис – 1660 сомонӣ, мутахассиси пешбар – 1352 сомонӣ, мутахассис – 1112 сомонӣ муайян гардидааст.

Довталабон маълумоти иловагиро метавонанд аз сомонаи **mewr.tj** ва телефони **235-97-68** дастрас намоянд.

# ВНИМАНИЕ, КОНКУРС!

## МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ «РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ»

**объявляет конкурс на замещение вакантных должностей профессорско - преподавательского состава:**

**ОБЩЕУНИВЕРСИТЕТСКАЯ КАФЕДРА РУССКОГО ЯЗЫКА**
**к.н., доцент - 1 место**

**КАФЕДРА УГОЛОВНОГО ПРОЦЕССА И КРИМИНАЛИСТИКИ**
**к.н., доцент - 1 место**

Требование к замещению должности заведующего кафедрой - наличие ученой степени и звания.

**Срок подачи документов на конкурс** – 1 месяц со дня опубликования объявления.

**Документы принимаются по адресу:** г. Душанбе, ул. Мирзо Турсун-заде - 30, РТСУ, учебно-методическое управление (каб. 108).

**Справки по телефону** – 44 600-07-19.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 417871 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Омодакунӣ ва насби баннер, лавҳа ва овезаҳо дар биноҳои таълимию маъмурии муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 25.09.2023 16:10:00 |
| 2 | 417872 | Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири пурраи бинои казармаи №2 ва ошхонаи қисми ҳарбии 45085-и кумита | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.09.2023 16:20:00 |
| 3 | 417874 | Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Таъмири ҷории муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.09.2023 16:45:00 |
| 4 | 417878 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ» | Дастгоҳи тиббӣ, лампа барои ҳуҷраи ҷарроҳӣ ва аробачаи маъюбӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 28.09.2023 08:05:59 |
| 5 | 417887 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5-и ноҳияи Рӯдакӣ | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.09.2023 10:05:00 |
| 6 | 417888 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №41 | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.09.2023 10:20:00 |
| 7 | 417870 | Ташкилоти динии «Масҷиди ҷомеи марказӣ»-и шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагидорӣ, тиббӣ ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 41 | 06.10.2023 15:40:27 |
| 8 | 417876 | Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтан ва насби рафҳо ва токҳои иттилоотӣ - намоишгоҳӣ бо истифода аз тахтаварақаҳои зинатии ҷилододашуда дар даҳлези вурудгоҳи асосии палата | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 06.10.2023 17:50:00 |
| 9 | 417877 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон» | Доруворӣ, мол ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 61 | 09.10.2023 08:00:59 |
| 10 | 417879 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатӣ»-и ноҳияи Ёвон | Маводи канселярӣ, хоҷагидорӣ, молҳои барқӣ, либоси тиббӣ ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 113 | 09.10.2023 08:20:20 |
| 11 | 417880 | Беморхонаи марказии шаҳри Норак (сохтори госпиталӣ) | Доруворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 28 | 09.10.2023 08:40:30 |
| 12 | 417881 | Муассисаи давлатии «Мактаб - интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятим» | Либосворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 09.10.2023 08:45:55 |
| 13 | 417882 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Таъмири фаввораи бинои мақомот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.10.2023 08:55:40 |
| 14 | 417883 | Раёсати Хадамоти давлатии оташнишонии шаҳри Душанбе | Мебели идоравӣ, таҷҳизот, техникаи ташкилӣ ва маишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 09.10.2023 10:00:00 |
| 15 | 417885 | Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки саноативу содиротии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк» | POS-терминал | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 09.10.2023 10:00:00 |
| 16 | 417886 | Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ дар шаҳри Душанбе | Таҷҳизоти наҷотдиҳанда, асбоби ченкунӣ, оргтехника ва молҳои маишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 09.10.2023 10:00:00 |
| 17 | 417884 | Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки саноативу содиротии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк» | POS-терминал | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 09.10.2023 10:10:00 |
| 18 | 417891 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Қисмҳои эҳтиётии дастгоҳи алафдаравӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 09.10.2023 11:57:22 |
| 19 | 417893 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №43-и шаҳри Кӯлоб | Молҳои корӣ ва рӯзгор, лавозимоти компютерӣ ва студия, нассоси обкашӣ ва қолин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 25 | 09.10.2023 13:32:09 |
| 20 | 417896 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии №1»-и шаҳри Кӯлоб | Таъмири ҷорӣ ва сохтмони ҳоҷатхона, анборхона дар бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.10.2023 13:38:41 |
| 21 | 417894 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони иҳотадевор ва таъмири боми бинои «Беморхонаи минтақавии №1»-и деҳаи Зардолубоғи Ҷамоати деҳоти М. Маҳмадалиеви ноҳия Восеъ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.10.2023 13:40:00 |
| 22 | 417895 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони ҳоҷатхона барои ду ҷой ва таъмири бинои «Беморхонаи минтақавии №1»-и деҳаи Зардолубоғи Ҷамоати деҳоти ба номи М. Маҳмадалиеви ноҳия Восеъ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.10.2023 14:00:00 |
| 23 | 417899 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Гулҳои мавсимӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 09.10.2023 14:02:02 |
| 24 | 417900 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Бензин ва гази моеъ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 09.10.2023 14:02:02 |
| 25 | 417901 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мебел барои иншооти «Сохтмони бинои иловагӣ барои 1000 хонанда дар назди МТМУ №34»-и Ҷамоати шаҳраки Хиставарзи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 51 | 09.10.2023 14:02:02 |
| 26 | 417902 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и Ҷамоати шаҳраки Палоси шаҳри Бӯстон | Кондитсионер, проектор, баландгӯяк бо микрофон, тахтаи электронӣ ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 13 | 09.10.2023 14:02:02 |
| 27 | 417903 | Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 125 | 09.10.2023 14:02:02 |
| 28 | 417897 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири шуъбаи эҳёи «Беморхонаи клиникии вилоятии бисёрсоҳавии ба номи А.Ҳақназаров»-и шаҳри Кӯлоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.10.2023 14:40:00 |
| 29 | 417869 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Зардобаи зидди ботулизм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 09.10.2023 14:50:22 |
| 30 | 417898 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони септик ва таъмири бинои «Маркази саломатӣ»-и деҳоти Ҳулбуки Ҷамоати деҳоти ба номи М. Маҳмадалиеви ноҳияи Восеъ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.10.2023 15:00:00 |
| 31 | 417889 | Муассисаи давлатии «Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим»-и ноҳияи Рашт | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 09.10.2023 17:21:47 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

Садои мардум
Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН
Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 18 сентябри соли 2023, соати 16:40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34500 нусха*

Навбатдори шумора
Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97